Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, бинои таълимии "В")

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Шарифов Зариф Раҳмонович, ба диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи «Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст.

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18- Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат мекунад: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.5. Батанзимдарорӣ ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ; 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии бухгалтерӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ; 1.12. Трансформатсияи ҳисоботи молиявии миллӣ бо талаботи стадартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои дигар давлатҳо.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ, бахусус барои низоми татбиқшавандаи баҳисобгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳим аст. Таҳвияти муносибатҳои бозорӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ талаб мекунад, ки баҳисобгирӣ на танҳо ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) мутобиқ бошад, балки инчунин қобилияти пешниҳоди саривақтии маълумоти мувофикро барои қабули қарорҳои идоракунӣ дошта бошад.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки нақшаи ҳисобҳо, ки аз 27 майи соли 2011, № 41 амал мекунад, ба ниёзҳои идоракунӣ ва баҳисобгирии

стратегӣ ҷавобгӯ набуда, барои қабули қарорҳои амалиётӣ мувофиқ нест ва имкон намедиҳад, ки иқтидори захиравии корхона самаранок идора карда шавад. Дар айни замон, талабот ба сифати маълумоти баҳисобгирӣ аз ҷониби сармоягузорон, қарздиҳандагон, корбарон, мақомоти омор ва андоз, инчунин роҳбарияти субъектҳои иқтисодӣ мунтазам афзоиш меёбад.

Мавзӯъ махсусан аз сабаби робитаи тадқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва зарурати мутобиқсозии баҳисобгирии миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ муҳим аст. Дар заминаи рақамикунонӣ ва автоматикунонии равандҳои баҳисобгирӣ, масъалаи сохтани низоми чандир, миқёспазир ва муттаҳидаи баҳисобгирӣ хеле муҳим мегардад.

Такмили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амали ниҳоят муҳим дар шароити тағйирёбии заминаи назариявӣ ва амалии онҳо – ҳисоботи молиявӣ, ки ба таври доимӣ бо сабаби дигаргуниҳо дар СБҲМ мавриди тасҳеҳ қарор мегирад, ба шумор меравад. Стандартҳои байналмилалӣ дар давоми 15 соли охир ба куллӣ тағйир ва таҷдид гардидаанд, дар ҳоле, ки нақшаи ҳисобҳо ба стандартҳои солҳои 2010 асос ёфтаанд. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок аст, зеро вақте стандартҳои байналмилалӣ иваз мешаванд, корхонаҳоро зарур меояд, ки баҳисобгирии худро таҳти талаботи онҳо тағйир диҳанд. Аз ин рӯ, такмили нақшаи ҳисобҳо дар ин шароит на танҳо чораи муносиб, балки зарурист.

Мебояд қайд намуд, ки худи СБҲМ ба таври қатъӣ ягон нақшаи ҳисобҳои муайянро пешбинӣ намесозанд. Онҳо қоидаҳои ташаккули ҳисоботи молиявиро муқаррар менамоянд, аммо тартиби гузориши маълумот дар ҳисобҳо бояд дар чаҳорчӯбаи ҳисоботи молиявӣ сурат гирад. Зарурияти такомули нақшаи ҳисобҳо, чӣ тавре муаллиф қайд менамояд, дар он зоҳир мегардад, ки дар намунаҳои тасҳеҳшудаи СБҲМ аксари моддаҳои ҳисоботӣ ба таври дигар номгузорӣ ва арзёбӣ гардида, боздиди мантиқи ташаккули нақшаи ҳисобҳо талаб мекунад, ки маълумот аз ҳар як ҳисоб дар сатри мувофиқи ҳисоботи молиявӣ дарҷ гардад. Ғайр аз ин, нақшаи ҳисобҳо бояд ба таври кофӣ чандир бошад, то алоқамандии байни баҳисобгирии молиявӣ, идоравӣ ва андозиро таъмин намояд. Дар шароити кунунӣ чунин самтҳо ба мисли ҳисобот дар соҳаи рушди устувор, баҳисобгирии сармояи инсонӣ, ҳисоботи рақамикунонидашуда ба миён омадаанд, ки мебояд нақшаи ҳисобҳо имконияти инъикоси объектҳои навро дар баҳисобгирӣ дошта, тақсимоти мураккаб ва ҷузъӣ, инчунин ҷамъбасткуниҳоро барои ҳисоботи рақамӣ таъмин намояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқот ва омӯзиши масъалаҳои такомули нақшаи ҳисобҳо, хусусан боздиди архитектураи ҳисобҳо, илова намудани ҷузъбандии мақсаднок, таъмини мувофиқат ба СБҲМ ва ҳалли баъзе

муаммоҳои методӣ зарурияти рӯзмарра дошта, зоҳирсозии омилҳо, асоснокозиии самтҳо, муайянсозии тартиби азнавсозии нақшаи ҳисобҳо мутобиқ ба шароити муосири фаъолияти корхонаҳо дар маҷмуъ, мухим ва аҳамиятнок арзёбӣ карда мешаванд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барон ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии ин рисола дар равиши ҳамаҷонибаи он барои беҳтар кардани нақшаи баҳисобгирӣ бо назардошти талаботи низоми идоракунӣ равшан аст. Муаллиф на танҳо тасҳеҳот, балки модели куллиеро пешниҳод мекунад, ки баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро муттаҳид мекунад.

Дар раванди таҳқиқот чунин натиҷаҳои илмӣ ба даст омадаанд, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд:

• Асоснокунии консептуалии "дурнамои нақшаи ҳисобҳо" — муаллиф самтҳои рушд, рамзҳои консептуалӣ ва усулҳои баҳисобгириро муайян мекунад, ки сохтор ва имкониятҳои нақшаи ҳисобҳоро вобаста ба ҳадафҳои баҳисобгирӣ (молиявӣ, истеҳсолӣ, стратегӣ) муқаррар менамоянд.

• Сохтори ташкилии чорблокӣ барои таҳлили нақшаи ҳисобҳо: консепсияҳо ва моделҳо, равандҳои ҳамгироӣ, самтҳои ташхисӣ ва вазифаҳои идоракунӣ. Ин равиш имкон медиҳад, ки нақшаи ҳисобҳо ба таври муназзам арзёбӣ ва такмил дода шавад.

• Модели тағйирёфтаи нақшаи ҳисобҳо бо иерархияи сесатҳа (баҳисобгирии умумӣ, қисман ва таҳлилӣ), захираҳои мавқеъ ва номенклатураи чандири зерҳисобҳо. Модел аз рӯи миқёси корхона фарқ мекунад: корхонаҳои хурд аз синфҳои 1-6 истифода мебаранд, дар ҳоле ки корхонаҳои миёна ва калон аз синфҳои 1-9 истифода мебаранд.

• Асоснокунии модели дуюм барои робитаи байни баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ тавассути ҳисобҳои назоратӣ барои даромад ва хароҷот, ки махсусан барои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст.

• Методологияи рамзгузории ҳисобҳо бо назардошти имкониятҳои таҳлилии зерҳисобҳо ва талаботи автоматизатсия, аз ҷумла истифодаи ҳисобҳои захиравӣ ва техникӣ.

Ин навовариҳо бо он далел тақвият меёбад, ки роҳҳои ҳалли пешниҳодшуда хусусиятҳои низоми миллии баҳисобгирӣ, хусусиятҳои соҳа ва сатҳи автоматикунонии корхонаҳоро ба назар мегиранд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда бо роҳи таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ асоснок буда, ба

такмили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити тағйирёбии доимии СБҲМ равона карда шудаанд, ки самаранокии идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории ватаниро таъмин карда метавонанд. Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо дар асоси қонунҳо ва санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо ва стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот ва нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва идоракунии корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳо, ва интишороти даврии соҳаи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, идоракунӣ ва андозӣ асоснок карда шудаанд, ки ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар бораи қорӣ намудани хулосаю пешниҳодҳо ба ҳисоб мераванд. Дар маҷмуъ, хулосаю натиҷаҳои эътимодноки бадастомада, бо истифодаи усулҳои умумӣ ва махсуси илмӣ: таҳлилӣ, синтез, муқоисакунӣ, индуксия ва дедуксия, таҳлили оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ тасдиқ гардидаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо аз ҷониби чаҳорчӯбаи методологии тадқиқот, ки усулҳои умумии илмӣ ва махсусро дар бар мегирад: муқоиса, тасниф, табақабандӣ, таҳлили нисбӣ ва муқоисавӣ ва усулҳои иқтисодӣ ва оморӣ таъмин карда мешавад.

Хулосаҳо бар асоси инҳо тартиб дода шудаанд:

• таҳлили нақшаи қории ҳисобҳо ва татбиқи амалии он дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва СБҲМ;

• таҳия ва санҷиши нақшаи намунавии ҳисобҳо, аз ҷумла тавсияҳо барои таҳияи нақшаи кории ҳисобҳо;

• интишорот ва баромадҳо дар конфронсҳои илмӣ ва амалӣ, аз ҷумла нашрияҳои аз ҷониби маҷаллаҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда.

Коркарди интишороти соҳавӣ, истифодаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва асарҳои илмӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ва санҷиши амалии пешниҳодҳо эътиборнокӣ ва намояндагии хулосаҳоро таъмин мекунанд.

Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо, тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои

таҳлили васеи зарурияти такмили нақшаи ҳисобҳо бо назардошти тағйирёбии СБҲМ, таҷдиди шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ва талаботи татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ ва андозӣ, асосҳои назаривию методологиро дар ин самт метавонад такмил диҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 217 саҳифаи матни компютериро ташкил додааст, ки аз 19 расм, 30 ҷадвал ва рӯйхати адабиёт, ки аз 140 номгӯй иборат аст, инчунин се замима, таркиб ёфтааст.

Дар боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми нақшаи ҳисобҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ», ки қисмати назариявӣ ва методологиро ташкил медиҳад, раванди таҳаввули нақшаи ҳисобҳо ҳамчун унсури муҳими идоракунии корхонаҳо таҳқиқ карда шуда, мавқеи нақшаи ҳисобҳо дар сохтори идоракунӣ, ҷанбаҳои таърихии рушди нақшаи ҳисобҳо, асосҳои заминавии таснифи ҳисобҳо равшан сохта шудааст. Дар ин боб моҳияти нақшаи ҳисобҳо, ҳадафҳои татбиқи онхо, принсипҳо ва талаботи асосии тарҳрезии нақшаи ҳисобҳо, чаҳорчӯбаи меъёрҳои муқарраргардидаи тағйироти мантиқии баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин зарурият ва мушкилоти таснифи ҳисобҳо дар шароити муосир баррасӣ гардида, марҳилаҳои ташаккул ва таҷдиди низоми нақшаи ҳисобҳо мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд.

Чӣ тавре муаллиф иброз менамояд, нақшаи ҳисобҳо дар бахши хусусӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои иттилоотии маъмурият ва талаботи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ шуда, дурнамои нақшаи ҳисобҳои дар идоракунии молиявӣ истифодашаванда хусусиятҳои амалиётӣ ва талабот барои ҳисоботдиҳиро инъикос мекунад (саҳ. 15). Бинобар ин, таҳия ва татбиқи нақшаи ҳисобҳо бояд чунин марҳилаҳои асосиро ба мисли арзёбии хамаҷонибаи ниёзҳои тиҷорат, таҳлили ҷузъҳои раванди баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи талаботи ҷонибҳои манфиатдор, ба инобат гирифтани тағйирот ва навгониҳои СБҲМ ва санадҳои меъёрӣ – ҳукуқӣ дарбар бигирад.

Дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқи моҳият, хусусият ва нишонаҳои методии нақшаи ҳисобҳо диссертант тарҳи заминавии низоми нақшаи ҳисобҳоро дар асоси вазифаҳои амиқи идоракунӣ таҳия намуда, мақом ва зарурияти нақшаи ҳисобҳоро дар низоми идоракунӣ аз нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷии соҳа баррасӣ намудааст. Инчунин мавқеъи нақшаи ҳисобҳо дар низоми муттаҳидаи иттилооти идоракунии молиявӣ (IFMIS), зарурияти ба инобат гирифтани ҳамаи унсурҳои таркибии

IFMIS дар раванди баландбардории сатҳи маълумотии ҳисоботи молиявӣ(с. 28-29), дурнамои муассири идоракунии тағйирот барои татбиқи нақшаи нави ҳисобҳо ва ислоҳоти марбут ба низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобот, тартиби татбиқи нақшаи ҳисобҳо бо назардошти таҷдиди шаклҳои ҳисоботи молиявӣ равшан карда шуда, робитаи иттилоотии байни низоми идоракунӣ ва баҳисобгирӣ ба таври возеҳ баён карда шудааст.

Муаллиф ба он ақида аст, ки татбиқи нақшаи нави ҳисобҳо бояд марҳила ба марҳила сурат гирад, то он пайдарҳамии ислоҳоти дигар дар сохтори идоракунии корҳонаро, алалхусус навсозии таснифи иқтисодиро барои татбиқи СБҲМ инъикос намояд (с. 33).

Дар зербоби 1,2 аз ҷониби муаллиф марҳилабандии ташаккули низоми нақшаи ҳисобҳо (ҷадвали 1.4, саҳ. 42), даврабандии ташаккули иқтисодӣ-назариявӣ ва рушди нақшаи ҳисобҳо (расми 1.2., саҳ. 46) ба амал бароварда шуда, консепсияҳои гуногуни ташаккули оптикаи нақшаи ҳисобҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф мӯътақид аст, ки истифодаи унсурҳои зерини оптикии нақшаи нави ҳисобҳо мувофиқи мақсад мебошад: оптикаи молиявии нақшаи ҳисобҳо, оптикаи истеҳсолӣ ба истифодаи принсипи монизми расмӣ, оптикаи махсуси нақшаҳои ҳисоб, оптикаи даромадҳо ба идоракунии даромадҳо, оптикаи андоз ба афзалияти баҳисобгирии андоз нисбат ба молиявӣ (саҳ. 52),

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таснифи ҳисобҳо мавқеи махсус дошта, якҷоя бо низоми ҳисобҳо унсури тамоми низоми ҳисобро ташкил медиҳад. Ин имкон медиҳад, дар асоси тадқиқи дақиқи илмӣ ҳисобҳои барои инъикоси фаъолияти хоҷагидории корхона зарур, дуруст интихоб гардида, имконияти муттаҳид кардани ҳисобҳои интихобшударо ба гурӯҳҳо аз рӯйи таркиби якхела таъмин шавад. Вобаста ба ин, дар диссертатсия масъалаҳои асосии таҳияи нақшаи ҳисобҳо тибқи СБҲМ (Расми 1.5, саҳ. 54) муайян карда шуда, ҳадафҳои таснифи ҳисобҳо, аломатҳои гурӯҳбандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (саҳ. 61-64) баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили вазъи муосири рушди низоми нақшаи ҳисобҳо» масъалаҳои марбут ба таҳияи консепсияи нақшаи ҳисобҳо бо ҷудо намудани шаш мавқеъи оптикии он, арзёбии афзалият ва камбудиҳои нақшаи истифодашаванда ва муайянкунии заминаҳои таҳияи нақшаи ҳисобҳои ҷадид бо ба назар гирифтани ҳадафҳо ва ҳамгиросозии баҳисобгирии молиявӣ ва идоравӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Унвончу ба таври асоснок қайд менамояд, ки татбиқи технологияи иттилоотӣ дар муҳосибот дар доираи нақшаи ҳисобҳои мавҷуда на танҳо мушкили ташаккули иттилоотро дар баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ ҳал кард, балки баъзан онро ғайри қобили қабул сохт, ки ин ҳолатро боз ҳам печидатар кард (сах. 119). Дар раванди баррасии камбудиҳои нақшаи мавҷудаи ҳисобҳо унвончӯ як қатор пешниҳод ва тавсияҳоро дар мавриди татбиқи ҳисобҳои нав ва ҷои ҳисобҳое, ки истифодаи онҳо бо сабаби гузариш ба СБҲМ маънои худро гум кардаанд, инчунин тартиби баҳисобгирии амалиётҳое, ки дар сурати риояи талаботи стандартҳои навшуда ба миён омадаанд, коркард намудааст, ки аз аҳамияти илмӣ ва амалӣ холӣ нест.

Ба хусус, пешниҳоди муаллиф дар мавриди методологияи баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ бо ба инобат гирифтани робитаи мустақими баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ ва ташаккули ҳисобот оид ба фоида ва зарар, ки дар ҷадвали 2.20 (саҳ. 125-127) оварда шудаанд, дар такомули низоми баҳисобгирии молиявии муосир дорои аҳамияти ҷиддист. Коркардҳои муаллиф нисбати асосҳои методологӣ ва вариантҳои алоқамандии баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ (расми 2.7. саҳ. 214), баррасии алгоритмҳои анҷоми амалиёти баҳисобгирӣ тибқи усули «дегӣ» (саҳ. 105, ҷадвали 2.12) ва ғайра далели таҳқиқоти муфассали масъалаҳои асосии таҳияи низоми ҷадиди нақшаи ҳисобҳо мебошанд.

Боби сеюми диссертатсия бо номи «Такмили низоми ҳисобҳо дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» баррасии масъалаҳои моделсозии нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоравӣ, такмили сиёсати баҳисобгириро бо назардошти дигаргуншавии нақшаи ҳисобҳо таҳти таъсири талаботи СБҲМ дар бар мегирад. Дар ин боб унвончӯ амсилаи нақшаи ҳисобҳоро барои мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоравӣ, раванди ташаккули нақшаи кории ҳисобҳо ва тартиби дар сиёсати баҳисобгирӣ муқаррар намудани талаботро нисбати нақшаи кории ҳисобҳо бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ, ба хусус корхонаҳои истеҳсолӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф дар боби мазкур бо назардошти талаботи тағйирёбандаи СБҲМ ва шароити кунунии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ модели низоми нақшаи баҳисобгирии молиявии ҳисобҳоро (Расми 3.4., саҳ. 139) пешниҳод намудааст, ки нишондиҳандаҳои баҳогузориро дарбар гирифта, марказҳои масъулият ва низомҳои мустақили баҳисобгирии идоравӣ ва стратегиро фарогир аст.

Ба ғайр аз ин коркарди муаллиф бо номи «Низоми нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ», ки дар замимаи 3 (саҳ. 214-217) оварда шудааст, дар ташкил ва пешбарии низоми то ба ҳол татбиқнашудаи баҳисобгирии идоравӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ нақши муҳимро хоҳад бозид.

Дар кори диссертатсионӣ дар асоси агрегатҳои махсуси баҳисобгирии муҳосибӣ дороиҳои ширкат ба нақша гирифта шуда, ин аснод мояи асосии баҳисобгирии молиявӣ ва муҳосибӣ мебошад, ки яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқот мебошад.

Дар қисмати натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия асосан аҳамияти илмӣ ва назариявӣ-амалии таҳқиқоти гузаронидашуда дарҷ ёфтаанд (саҳ. 172-14). Дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо бошад хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд (саҳ. 174- 176).

Феҳристи адабиёти истифодашуда дар саҳифаҳои 177-188 оварда шуда, интишороти унвонҷӯ низ аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ оварда шудааст (саҳ. 188-193).

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти илмию назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди назарияи баҳисобгирӣ, бахусус дар соҳаи таҳия ва татбиқи нақшаҳои ҳисобҳо мусоидат мекунад. Муаллиф равишҳоро ба таснифи ҳисобҳо систематизатсия мекунад, принсипҳои сохтани системаи муттаҳиди баҳисобгириро асоснок мекунад ва методологияеро барои мутобиқ кардани нақшаи ҳисобҳо ба талаботи СБҲМ пешниҳод мекунад.

Муҳим он аст, ки муаллиф "нақшаи ҳисобҳо"-ро ҳамчун абзоре барои ҳамоҳангсозии ҳадафҳои баҳисобгирӣ ва идоракунӣ таъкид мекунад. Чаҳорчӯби таҳлилии чорблокии пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки равиши ягона барои арзёбӣ ва такмили нақшаҳои ҳисобҳо дар сатҳҳои гуногун - аз миллӣ то корпоративӣ - фароҳам оварда шавад.

Пешниҳодҳои назариявии ин рисола метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи муттаҳидсозии баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва стратегӣ, инчунин барои таҳияи стандартҳои миллии баҳисобгирӣ хизмат кунанд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот мустақиман ба фаъолияти корхонаҳо ва мақомоти танзимкунанда татбиқ мешаванд:

• Модели нақшаи ҳисобҳо метавонад барои таҳияи нақшаҳои кории ҳисобҳо бо назардошти миқёс ва хусусиятҳои фаъолияти корхона истифода шавад.

• Тавсияҳо оид ба таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ инъикоси иттилоотро дар ҳисоботҳои молиявӣ беҳтар мекунад ва эътимоднокии онҳоро афзоиш медиҳад.

• Методологияи рамзгузорӣ ва сохторбандии ҳисобҳо ба эҷоди барномаҳои стандартии автоматикунонии баҳисобгирӣ мусоидат мекунад ва шиддати меҳнати амалиёти баҳисобгириро коҳиш медиҳад.

• Пешниҳодҳо оид ба муттаҳид кардани баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ ба ташкили як системаи ягонаи иттилоотӣ, ки ба ниёзҳои гурӯҳҳои гуногуни корбарон ҷавобгӯ аст, мусоидат мекунанд.

Тавсияҳо махсусан барои корхонаҳои хурду миёна, ки дар онҳо захираҳо барои таҳияи роҳҳои ҳалли баҳисобгирии фармоишӣ маҳдуданд, арзишманданд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот.

Таъсири иқтисодии татбиқи роҳҳои ҳалли пешниҳодшуда дар инҳо зоҳир мешавад:

• коҳиш додани шиддати меҳнати амалиёти баҳисобгирӣ тавассути стандартизатсия ва автоматизатсия;

• беҳтар кардани самаранокӣ ва сифати маълумоти идоракунӣ, ки қабули қарорҳои огоҳонаро осон мекунад;

• Кам кардани хатари хатогиҳо ва номувофиқатӣ дар гузоришдиҳӣ, аз ҷумла ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ;

• Беҳтар кардани хароҷоти баҳисобгирӣ ва гузоришдиҳӣ. Ғайр аз ин, мутобиқсозии баҳисобгирии миллӣ бо СБҲМ ҷолибияти сармоягузории корхонаҳоро афзоиш медиҳад ва дастрасӣ ба бозорҳои байналмилалии сармояро осон мекунад.

Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти иҷтимоии ин кор дар тақвияти эътимод ба ҳисоботи молиявӣ ва баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти корхонаҳо мебошад. Маълумоти баҳисобгирии баландсифат на танҳо барои роҳбарон ва сармоягузорон, балки барои ҳукумат, қарздиҳандагон, кормандон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор низ муҳим аст.

Ҷорӣ намудани нақшаи беҳтаршудаи ҳисобҳо ба инҳо мусоидат мекунад:

• баланд бардоштани эътимоднокӣ ва муқоисашавандагии ҳисоботҳои молиявӣ, ки барои қабули қарорҳои муҳими иҷтимоӣ муҳим аст (масалан, ҳангоми тақсимоти маблағҳои буҷетӣ ва арзёбии самаранокии барномаҳои давлатӣ);

• рушди салоҳиятҳои касбии муҳосибон ва аудиторҳо тавассути татбиқи усулҳои муосири баҳисобгирӣ;

• тақвияти муҳити тиҷоратии институтсионалӣ дар асоси шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навоварии илмии онро ифода менамоянд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии рушди низоми нақшаи ҳисобҳоро дар раванди идоракунии молиявии корхонаҳо такмил медиҳанд. Автореферат муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, дар он натиҷаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда ифода гардидааст. Дар асоси таҳқиқот ва натиҷаи кори диссертатсия, муаллиф дар маҷмӯъ 27мақолаҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 7,49 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 31, 33, 35, 36, 40 ва 41 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) тасдиқшудашуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, даврaҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Эродҳо доир ба диссертатсия:

1. Дар қисмати назариявии диссертатсия муаллиф кушиш намудааст, ки асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми нақшаи ҳисобҳоро мавриди таҳқиқи амиқ қарор диҳад. Аммо ба андешаи мо, агар муаллиф ҷанбаҳои меъёрӣ- ҳуқуқии таҳияи нақшаи ҳисобҳоро барои солҳои давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ мавриди пажӯҳиш қарор медод, пайдарпаии муносибро дар баррасии ҷанбаҳои таърихии таҳияи нақшаи ҳисобҳо таъмин менамуд.

2. Чӣ тавре маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд нақшаи ҳисобҳо, аз ҷумла барои ташкилотҳои қарзӣ, муассисаҳои буҷетӣ, суғурта ва бахши хусусӣ мавриди амал қарор доранд. Дар кори диссертатсионӣ дар бораи умумият ё фарқият дар нақшаи ҳисобҳо, хусусиятҳои накшаҳои ҳисоби соҳавӣ, камбудиҳои монанд дар риояи СБҲМ мавриди пажӯҳиш қарор дода нашудаанд.

3. Зербоби 2.2. «Таҳлили нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ» ном дорад. Оё нақшаи амалкунандаи баҳисобгирии идоракунӣ мавҷуд ҳаст ва мавҷудияти онро чӣ тавр метавон тасдиқ намуд. Дар ин маврид унвончӯ дар диссертатсия ақидаи худро равшан накардааст.

4. Муаллиф дар диссертатсия баъзан стандартҳои аллакай аз эътибор соқитшуда ё навшударо ба сифати сарчашмаи иттилоотӣ қарор додааст, ки мебоист мавриди тасҳеҳ қарор мегирифтанд. Масалан, СБҲМ (IAS) 1 ва СБҲМ (IFRS) 4.

5. Дар диссертатсия бисёр хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд. Масалан, ҷумлаи сархати охирини саҳ. 30 пурра нест. Ё калимаи “модел”-ро муродиф бо забони тоҷикӣ “амсила” қабул гардидааст. Ё ҷадвали 3.7. дар диссертатсия ба таври бояду шояд таҳлил нагардидааст.

Мавриди ба зикр аст, ки эродхои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба сатхи илмӣ-назариявӣ ва амалии тахкиқоти диссертатсионӣ халал ворид намекунанд. Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионӣ тахкиқоти мукаммали илмӣ ва мустақилонаи унвончӯ буда, ба яке аз масъалахои муҳими илми баҳисобгирӣ такмили низоми нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бахшида шудааст

Хулосаи умумӣ

Дар умум, диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 35, 36, 40 ва 41 “Тартиби до дани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591) ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои ноил

гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Шарифов З.Р.

Имзои З.Р. Шарифовро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

«30» октября 2026